БОНКИ
МИЛЛИИ
ТОҶИКИСТОН

# Натиҷаи назарсанҷӣ дар мавзуи “Коркард ва ҷорисозии асъори рақамии Бонки миллии Тоҷикистон аз нигоҳи ТҚМ“

Душанбе 2025

## Мундарича

Маълумоти умумӣ ........ 3
I. Муносибати ТҚМ вобаста ба масъалаи ҷорӣ намудани CBDC.... 3
II. Имкониятҳои калидӣ барои ТҚМ дар татбиқи CBDC ........ 4
III. Хавфҳо ва таҳдидҳои асосӣ бо ҷорисозии CBDC дар бизне-модели тиҷоратии ТҚМ ........ 5
IV. Арзёбии таъсири эҳтимолии CBDC ба моделҳои анъанавии бонкӣ ........ 6
V. Арзёбии омодагии ТҚМ барои татбиқи CBDC ........ 7
VI. Арзёбии омодагии низомҳои IT-и ҷории ТҚМ барои ҳамгироӣ бо платформаи CBDC ........ 8
VII. Афзалият нисбат ба модели меъмории CBDC аз ҷониби ТҚМ ........ 8
VIII. Эҳтимолияти истифодаи CBDC дар маҳсулот/хизматрасониҳои ТҚМ ........ 9
IX. Ҷанбаҳои калидии танзими CBDC ........ 10
X. Арзёбии омодагии ТҚМ барои иштирок дар озмоиши пилотии CBDC ........ 11
XI. Пешниҳодҳо ва тавзеҳоти ТҚМ вобаста ба коркард ва ҷорисозии CBDC ........ 12

## Маълумоти умумӣ

Бо назардошти тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар самти рақамикунонии низоми молиявӣ ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта, масъалаи таҳқиқ, коркард ва ҷорисозии асъори рақамии бонкҳои марказӣ (Central Bank Digital Currency-CBDC) барои сиёсати пулию қарзӣ ва устувории молиявӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо кардааст.

Вобаста ба ин, ҷиҳати муайян намудани сатҳи огаҳӣ, дарки масъала, омодагӣ, интизориҳо ва арзёбии хавфу имкониятҳои эҳтимолӣ нисбат ба ҷорисозии асъори рақамии Бонки миллии Тоҷикистон (CBDC) байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ТҚМ) назарсанҷӣ анҷом дода шуд.

Дар назарсанҷии мазкур 34 ТҚМ (минбаъд – респондент), аз ҷумла 14 бонк ва 20 ташкилоти амонатии қарзии хурд иштирок намуданд, ки 82,9 фоизи ТҚМ дар кишвар фаъолияткунандаро дар бар мегирад.

## I. Муносибати ТҚМ вобаста ба масъалаи ҷорӣ намудани CBDC

Натиҷаи маълумоти ҷамъовардашуда оид ба муносибати респондентон дар масъалаи ҷорӣ намудани CBDC нишон дод, ки 76,5 фоиз (26 респондент) мусбӣ арзёбӣ намудаанд. Ин нишон медиҳад, ки ҷорӣ намудани CBDC иқдоми муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, 11,8 фоиз (4 респондент) вобаста ба масъалаи мазкур иброз намуданд, ки барои ҷавоб додан мушкилӣ мекашанд, 8,8 фоиз (3 респондент) мавқеи бетарафиро ишғол намуда, танҳо 2,9 фоиз (1 респондент) мавқеи манфии худро иброз намудааст (ниг. ба диаграммаи 1).

Диаграммаи 1. Муносибат вобаста ба масъалаи ҷорӣ намудани CBDC



Дар маҷмуъ аз натиҷаи ҷавобҳо ба саволи мазкур чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки аз чор як ҳиссаи респондентон ба масъалаи ҷорӣ намудани CBDC муносибати мусбӣ дошта, заминаи мусоид барои оғоз намудани корҳо дар ин самт ҷой дорад.

## II. Имкониятҳои калидӣ барои ТҚМ дар татбиқи CBDC

Масъалаи дигаре, ки дар назарсанҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд, ин муайян намудани имкониятҳои калидӣ барои ТҚМ дар татбиқи CBDC мебошад. Ба респондентон пешниҳод карда шуд, ки то 3 варианти ҷавобро интихоб намоянд. Натиҷаи коркарди маълумотҳо нишон дод, ки 28,8 фоиз (30 респондент) татбиқи CBDC—ро ҳамчун рушди хизматрасонии нави пардохтӣ мешуморанд. Дар масъалаи баландшавии самаранокӣ ва кам шудани арзиши ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ ва васешавии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои пардохтӣ мутаносибан 15,4 фоизӣ (16 респондент) арзёбӣ намуданд. Баландшавии шаффофият 13,5 фоиз (14 респондент) ва эҷоди замина барои навовариҳо 11,5 фоиз (12 респондент) имконияти калидӣ дар табиқи CBDC медонанд.

Ҳамчунин, имконияти калидӣ дар татбиқи CBDC 9,6 фоиз (10 респондент) дар мубориза ба шустушӯи пул ва 5,8 фоиз (6 респондент) дар мустаҳакам шудани мавқеи рақобати озод дар бозор ба ҳисоб мераванд (ниг. ба диаграммаи 2).




Аз таҳлили натиҷаи ҷавобҳо муайян гардид, ки респондентон ба татбиқи CBDC назари мусбӣ дошта, имкониятҳои калидиро барои

онҳо фароҳам меорад, аз ҷумла рушди хизматрасонии муосири пардохтӣ, ҷорисозии технологияи инноватисонӣ ва васеъ шудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои нави пардохтӣ.

## III. Хавфҳо ва таҳдидҳои асосӣ бо ҷорисозии CBDC дар бизне-модели тиҷоратии ТҚМ

Бо мақсади муайян намудани хавфҳо ва таҳдидҳои асосии ба бизнес модели тиҷоратии ТҚМ зимни ҷорисозии CBDC, 3 варианти интихоби ҷавобҳо ба респондентон пешниҳод карда шуд.

Дар асоси маълумоти назарсанҷӣ муайян гардид, ки 23,4 фоиз (25 респондент) посух доданд, аз ҳама хавфи баланд хавфҳои амалиётӣ (киберамният, халалдоршавӣ) ба ҳисоб рафта, ТҚМ аз он нигаронанд, ки ҷорӣ кардани CBDC метавонад, ҳамлаҳои кибериро афзоиш диҳад.

Дар баробари ин, респондентон хавфи хароҷоти зиёд барои ҳамгирой ва мутобиқсозии низомҳои IT, ки ба он 20,6 фоиз (22 респонтен) посух доданд. Қисми дигари респонтендон 17,8 фоиз (19 респондент) ба масъалаи омода набудани инфрасохтори мавҷуда ишора намуданд.

Ҳамзамон, гурӯҳи дигари респондентон 13,1 фоиз (14 респондент) афзоиши қаллобии молиявӣ, 8,4 фоиз (9 респондент) танзимнамоии номуайян, 7,5 фоиз (8 респондент) коҳишёбии нақши ТҚМ ҳамчун миёнарав, 6,5 фоиз (7 респондент) коҳишёбии ҳаҷми пасандозҳо ва 2,8 фоиз (3 респондент) коҳиш ёфтани фоидаи ТҚМ арзёбӣ намуданд. (ниг. ба диаграммаи 3).

Диаграммаи 3. Хавфҳо ва таҳдидҳои асосие, ки бо ҷорисозии CBDC дар бизнес-модели тиҷоратии ТҚМ алоқаманданд



Дар маҷмӯъ аз таҳлилии назарсанҷӣ вобаста ба масъалаи мазкур маълум карда шуд, ки барои аксари ТҚМ дар назарсанҷӣ иштирок намуда, се хавфи асосӣ дар ҷорӣ кардани CBDC баланд арзёбӣ мегардад, аз ҷумла хавфҳои амалиётӣ (киберамният, халалдоршавӣ), хароҷотҳои зиёд алоқаманд бо ҳамгирої ва мутобиқсозии низомҳои IT ва омода набудани инфрасохтори барои истифода, иборат мебошанд.

## IV. Арзёбии таъсири эҳтимолии CBDC ба моделҳои анъанавии бонкӣ

Вобаста ба масъалаи мазкур, 29,4 фоиз (10 респондент) изҳор доштанд, ки ҷорисозии CBDC ба моделҳои анъанавии бонкии онҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Ҳамзамон, 26,5 фоиз (9 респондент) иброз намуданд, ки татбиқи CBDC ба моделҳои анъанавии бонкии онҳо на он қадар таъсири манфӣ мерасонад.

Инчунин, 23,5 фоиз (8 респондент) иброз намуданд, ки таъсири эҳтимолии CBDC-ро баҳо дода наметавонанд. Вобаста ба таъсири манфии назаррас мерасонад ва таъсир намерасонад мувофиқан 5,9 фоизӣ (2 респондент) дар алоҳидагӣ ибрози ақида намуданд.

Қайд намудан зарур аст, ки таъсири эҳтимолии CBDC ба варианти дигар 8,8 фоиз (3 респондент) рост меояд. Мутаасифона аз ҷониби онҳо мушаххас карда нашудааст, ки чиро дар назар доранд (ниг. ба диаграммаи 4).

Диаграммаи 4. Арзёбии таъсири эҳтимолии CBDC ба моделҳои анъанавии бонкӣ



Бо натиҷагирӣ аз таҳлили назарсанҷӣ муайян гардид, ки қариб аз се як ҳиссаи респондентон таъсири эҳтимолии CBDC-ро ба модели анъанавии бонкӣ мусбӣ арзёбӣ намуданд.

## V. Арзёбии омодагии ТҚМ барои татбиқи CBDC

Таҳлили маълумотҳои коркардшуда оид ба сатҳи омодагии ТҚМ барои татбиқи CBDC маълум намуд, ки қисми зиёди респондентон 35,3 фоиз иброз намуданд, ки ҷиҳати посух додан барои арзёбӣ намудани омодагии ташкилоти онҳо дар татбиқи CBDC "мушкилӣ мекашанд". Ҳамзамон, 32,4 фоиз (11 респондент) изҳор намуданд, ки дар раванди омодагӣ қарор дошта, инчунин 14,7 фоиз (5 респондент) ба сатҳи пасти омодагӣ ишора намуданд. Лозим ба қайд аст, ки 17,6 фоиз (6 респондент) иброз намуданд, ки ташкилоти онҳо ба ҷорисозии CBDC тамоман тайёр нест (ниг. ба диаграммаи 5).

Диаграммаи 5. Арзёбии омодагии ТҚМ барои татбиқи CBDC




Аз натиҷагирии савол оид ба омодагии ТҚМ барои татбиқи CBDC муайян гардид, ки қисми зиёди онҳо дар марҳилаи номуайянӣ қарор доранд. Аз ин лиҳоз, омодагии нокифояи бозори молиявӣ метавонад ба раванди ҷорисозии CBDC таъсир расонад.

Бо назардошти ҳолатҳои ҷойдошта, пешниҳод карда мешавад, ки дар мавриди омодагиҳо ба ҷорисозии CBDC "Харитаи роҳ" таҳия карда шуда, ҷиҳати татбиқи самараноки CBDC талаботҳои бозори молиявӣ ва бозомӯзии кормандони ТҚМ ба инобат гирфта шаванд.

## VI. Арзёбии омодагии низомҳои IT-и ҷории ТҚМ барои ҳамгироӣ бо платформаи CBDC

Тавре таҳлил ва коркарди натиҷаҳои назарсанҷӣ оид ба сатҳи омодагии низомҳои технологии иттилотии (IT) ТҚМ барои ҳамгироӣ бо платформаи CBDC нишон медиҳад, қисми зиёди респондентон ниёз ба тағйироти назаррас ба навсозӣ ва мутобиқсозии ҷиддии инфрасохтори IT доранд.

Аз рӯйи маълумотҳои дастрасшуда 26,5 фоиз (9 респондент) изҳор доштанд, ки низоми IT-и ҷории ташкилоти онҳо барои ҳамгироӣ бо платформаи CBDC модернизатсияи пурраро талаб мекунад. Дар ин раванд, 41,2 фоиз (14 респондент) иброз намуданд, ки барои ҳамгироӣ бо платформаи CBDC тағйироти назаррасро талаб мекунад. Вобаста ба масъалаи мазкур, 14,7 фоиз (5 респондент) қайд намуданд, ки IT-и ҷории ташкилоти онҳо барои ҳамгироӣ бо платформаи CBDC бо тағйироти ҳадди аққал омода аст.

Боқимонда 17,6 фоиз (6 респондент) иброз намуданд, ки дар ҷавоб додан ба ин савол мушкилӣ мекашанд (нигаред ба диаграммаи 6).

Диаграммаи 6. Омодагии низомҳои IT-и ҷории ТҚМ барои ҳамгироӣ бо платформаи CBDC




## VII. Афзалият нисбат ба модели меъмории CBDC аз ҷониби ТҚМ

Натиҷаи таҳлил муайян кард, ки афзалияти ТҚМ ба модели меъмории CBDC чунин аст, аз ҷумла аксарияти ТҚМ 47,1 фоиз (16 респондент) модели дусатҳаро афзал шумориданд. Бештари ТҚМ бар ин назаранд, ки модели дусатҳа ба сохтори ҳозираи низоми бонкӣ

мутобиқ буда, нақши бонкҳо дар хизматрасониҳои пардохт ва идоракунии ҳисоби муштариён ҳифз карда мешавад. Дар баробари ин, модели ду сатҳа тибқи таҷрибаи ҷойдошта барои шароити кишвари мо устувор буда, амалишаванда ва хавфи камтарро дорад (нигаред ба диаграммаи 7).

Диаграммаи 7. Афзалият нисбат ба модели меъмории CBDC




Таваҷҷӯҳи респондентон нисбат ба модели гибридӣ дар ҷои дуюм истода, 26,5 фоиз (9 респондент) изҳори ҷорӣ намудани онро тарафдорӣ намудаанд. Нисбат ба модели мустақим 20,6 фоиз (7 респондент) ва ба дигар 5,9 фоиз (8 респондент) мавқеи худро муайян намуданд.

## VIII. Эҳтимолияти истифодаи CBDC дар маҳсулот/ хизматрасониҳои ТҚМ

Натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки эҳтимолияти истифодаи CBDC дар чунин маҳсулот/хизматрасониҳои ТҚМ ҷой доранд, аз ҷумла 38,2 фоиз (13 респондент) иброз намуданд, ки дар пардохтҳои фаврии P2P ва B2B, 38,2 фоиз (13 респондент) дар ҳамёнҳои рақамӣ бо функсияҳои беҳтаршуда ва 28,5 (8 респондент) дигар бе пешниҳод намудан ё мушаххасозии онҳо (нигаред ба диаграммаи 8).




Аз натиҷаҳои саволи мазкур чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки ТҚМ эҳтимоли истифодаи CBDC-ро дар маҳсулот/хизматрасониҳои нав ва тағйирёфтаи худ, ки бо пардохтхои фаврии P2P ва B2B, инчунин ҳамёнҳои рақамӣ бо функсияҳои беҳтаршуда алоқамонданд, афзалият доданд.

## IX. Ҷанбаҳои калидии танзими CBDC

Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ танзими CBDC барои таъмини устувории молиявӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагон, махфияти маълумот ва кам кардани хавфҳои ҳуқуқию амалиётӣ нақши калидӣ дорад.

Вобаста ба ин, чунин ҷанбаҳои калидии танзими CBDC-ро тибқи посухи респондентон метавон аз ҳамдигар ҷудо намуд:

- Мубориза бо шустушӯи пул (AML/CFT) ва мушаххаскунии муштарӣ (KYC) - 47,1 фоиз (16 респондент) муҳим арзёбӣ намуданд.
- Ҳифзи маълумот ва махфият - 23,5 фоиз (8 респондент) посухҳои мусбат доданд.
- Тақсими ухдадориҳо байни бонки миллӣ ва ТҚМ - 20,6 фоиз (7 респондент) ҷонибдорӣ намуданд.
- Дигар - 8.8 фоиз (3 респондент) назари худро баён намуданд, аммо мутаасифона аз ҷониби онҳо мушаххас карда нашудааст, ки чӣ дар назар дошта шудааст! ( нигаред ба диаграммаи 9).

Диаграммаи 9. Ҷанбаҳои калидии танзими CBDC




Натиҷагирии ҷанбаҳои танзими CBDC аз рӯйи посухи респондентон муайян намуд, ки мубориза бо шустушӯи пул (AML/CFT) ва мушаххаскунии муштарӣ (KYC)-ро ҳамчун ҷанбаи муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин муайян мегардад, ки респондентон муомилоти рақамиро дорои хавфи баланд ҳисобида, бар он назаранд, ки эҳтимоли баланди истифодаи муомилоти рақамӣ дар фаъолиятҳои ғайриқонунӣ ҷой дорад.

Ҳамзамон, гурӯҳи дигари респондентон бар он назаранд, ки ҳифзи маълумот ва махфият яке аз нишондиҳандаҳои калидӣ ба ҳисоб рафта, бештар аз ба миён омадани ихроҷи маълумот ва фош шудани махфият нигарон мебошанд.

## X. Арзёбии омодагии ТҚМ барои иштирок дар озмоиши пилотии CBDC

Бо мақсади арзёбии омодагии ТҚМ барои иштирок дар озмоиши пилотии CBDC ба респондентон саволи “Оё ташкилоти Шумо барои иштирок дар озмоиши  пилотии CBDC  омода аст?” пешниҳод карда шуд. Тавре, ки натиҷаи назарсаҷӣ нишон медиҳад аз шумораи умумӣ 41,2 фоиз (14 респондент) омодагии худро барои иштирок дар озмоиши пилотии CBDC иброз намуда, ҳамзамон 41,2 фоиз (14 респондент) қайд намуданд, ки барои ҷавоб додан мушкилӣ мекашанд. Инчунин, 17,6 фоиз (6 респондент) ҷавоб доданд, ки дар марҳилаи ҳозира ташкилотҳои онҳо барои иштирок дар озмоиши пилотии CBDC омода намебошанд (нигаред ба диаграммаи 10).




Бо натиҷагирӣ аз посухи респондентон чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки замина барои оғози озмоиши пилотии CBDC дар кишвар вуҷуд дорад, зеро бештар аз 41 фоизи ТҚМ омодаанд дар амалӣ намудани ин ташаббус иштирок намоянд.

## XI. Пешниҳодҳо ва тавзеҳоти ТҚМ вобаста ба коркард ва ҷорисозии CBDC

Коркард ва таҳлили натиҷаи назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки аз ҷониби респондентон теъдоди 33 пешниҳоду тавзеҳот вобаста ба масъалаи коркард ва ҷорисозии CBDC манзур карда шудааст, ки қисми зиёди он 17 адад ё 51,5 фоизи пешниҳод ба равандҳои бехатарӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ, ҳамгироии низомҳои технологияи IT бо платформаи CBDC, стандартҳои шаффофи амнияти киберӣ равона карда шудааст, аз ҷумла:

- бояд равандҳои бехатарии иттилоот ва ҳифзи маълумоти шахсӣ дар CBDC таъмин шавад;

- пеш аз оғози пилот, Бонки миллӣ бояд меъёрҳои техникии ягона, API, протоколҳои амниятӣ ва дастурамалҳои ҳамгироиро пешниҳод кунад;

- зарур аст, ки санҷишгоҳ (sandbox) барои озмоиши ҳамгироии IT бо платформати CBDC таъсис дода шавад;

- стандартҳои шаффофи амнияти киберӣ, криптография ва идоракунии калидҳо муайян карда шаванд;

- ҷорӣ намудани CBDC ниёз ба сармоягузории калон дар соҳаи IT, ҳифзи маълумот, амнияти киберӣ ва серверҳои боваринок дорад;

- ба бонкҳо муҳлат ва дастури дақиқ барои модернизацияи инфрасохтори IT пешниҳод карда шавад;

- барои корбарон ва кормандон барномаҳои омӯзишии IT ва амният ба роҳ монда шаванд;

- лоиҳаи CBDC метавонад иқтисоди Тоҷикистонро шаффофтар, осебтар ва одилонатар кунад, вале бояд бо эҳтиёт ҷорӣ шавад, то махфият ва амнияти мардум зери хатар наафтанд;

- ҷорӣ намудани CBDC муфид аст, аммо хатари аз даст додани махфият ва озодӣ мебошад;

- пешниҳод менамоем, ки CBDC дар асоси платформаи омехта (Hybrid Architecture) коркард шавад бо муттаҳидсозии модели марказонидашуда ва истифодаи унсурҳои технологияи blockchain барои шаффофият ва аудит;

- татбиқи API-и кушода барои бонкҳо ва ташкилотҳои пардохт, ки имкон медиҳад CBDC дар хизматрасониҳои мавҷуда бидуни тағйироти амиқ ҳамгирой гардад;

- истифодаи протоколҳои криптографии муосир (Zero-Knowledge Proof, MFA, Hardware Security Modules) барои таъмини махфият ва пешгирии дастрасии ғайриқонунӣ;

- татбиқи системаҳои мониторинги real-time барои ошкорсозии трансаксияҳои шубҳанок ва коҳиши хавфҳои фасоди молиявӣ;

- дар давраи пилотӣ лозим аст, ки суръат, барқароршавӣ ва қобилияти коркарди трансаксияҳо санҷида шаванд;

- таҳияи қонуни алоҳида оид ба CBDC, стандартҳои KYC/AML мутобиқ ба талаботи нави рақамӣ, тартиби нигоҳдорӣ, интиқол ва ҳисобдорӣ барои ташкилотҳо;

- бехатарӣ бояд пурра таъмин бошад;

- пеш аз ҷорӣ намудани CBDC муҳим аст, ки низоми рақамӣ бо стандартҳои байналмилалии пулӣ ва кибер-амният мутобиқ бошад.

Дар баробари ин, як гурӯҳ респондентон чунин пешниҳодҳоро муҳим ва саривақтӣ шуморидаанд, аз ҷумла:

- тарҳрезии стратегияи миллӣ оид ба CBDC;

- ҳамкорӣ бо вазоратҳо ва ниҳодҳои давлатӣ;

- ворид намудани ҷорисозии асъори рақамӣ ба стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳамкорӣ бо бонкҳои Русия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо, ки бо (CBDC) таҷриба доранд;

- омӯзиши дигар давлатҳо, ки дар ин соҳа таҷриба доранд.

Ҳамчунин, гурӯҳи дигари респондентон чунин роҳҳои самараноки ҷорисозии CBDC афзал мешуморанд, аз ҷумла:

- ҷорӣ намудани CBDC дар пардохтҳои давлатӣ (андоз, боҷ, хизматрасониҳо), миёнаравӣ барои пардохтҳо байни ташкилотҳои молиявӣ, дастгирии барномаҳои иҷтимоӣ (масалан, targeted subsidies), пардохтҳои чакана (QR, NFC, USSD);

- муқаррар кардани комиссияҳои паст барои пардохти CBDC, барномаҳои cashback барои шаҳрвандон дар марҳилаи аввал, имтиёзҳо барои ташкилотҳо дар ҳамгироӣ;

- ҷорӣ кардани CBDC барои муомилот ва ҳисоббаробаркунии байнидавлатӣ;

- андешидани тадбирҳо оид ба идоракунии низоми пулӣ дар шароити коҳиши пули нақд;

- пеш аз ҷорӣ намудани CBDC дар сатҳи миллӣ, гузаронидани озмоишҳои пилотӣ бо гурӯҳҳои муайян ва минтақаҳои маҳдуд;

- дар марҳилаҳои аввали татбиқ дар формати пилот бо маҳдудияти ҳаҷми амалиётҳо бо CBDC додани афзалият ҷиҳати идоракунии хавфҳо;

- барои шаҳрвандон ва соҳаҳои калидӣ барномаи омӯзишӣ ва иттилоотӣ татбиқ гардад, то қабули CBDC зуд ва бехатар сурат гирад;

- бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ бояд омӯзишҳои васеъ оид ба истифода, идора ва назорати CBDC гиранд;

- тайёр намудани мутахассисон дар ин соҳа;

- ташкил намудани гурӯҳи корӣ.

Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ